## ТАҚРИЗИ

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи доктории Давлатзода Ҷамила дар мавзӯи “Низоми муосири педагогии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Дар давраи муосир рушди ҷомеаи хусусияти инсонгароӣ ва демократӣ пайдо кардани соҳаи илму маориф таҷдиди парадигма ва методологияи илми педагогӣ, дар амалия ҷорӣ кардани тарҳи нави таҳсилот, пешниҳоди интихоби густурдаи самтҳо ва зинаҳои раванди таҳсилот, ҳамчунин низомҳои алтернативии фаъолияти идоракунии раванди тарбияро тақозо мекунад.

Дар шароити дигаргуниҳои амиқи ҳаёти ҷомеаи муосир ва кулли инсоният коркарду татбиқи стратегияи босамари рушди тарбияи шаҳрвандӣ - ватандӯстӣ аҳамияти муҳимро касб мекунад. Демократӣ гардидани ҷомеаи мо барои ҷустуҷӯйҳои низоми нави тарбияи коллективҳои педагогӣ имконоти пурвусъатеро фароҳам овард. Дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шаклҳо ва методҳои ғайристандартии ташкили раванди педагогӣ, ки зимни онҳо хонандагон пайрави омӯзгор мешаванд, таваҷҷуҳи бештар карда шуда истодааст.

Аз ин лиҳоз, ташаккули тамоюлоти арзишии насли наврас, неруи созанда, солимии рӯҳию ҷисмонӣ, рушди масъулияти шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон, пеш аз ҳама, тавассути азхудкунии фанҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳамгироӣ бо маҳсули аз ҷиҳати иҷтимоӣ арзишманди фаъолияти меҳнатии хонандагон ба даст меояд. Ва дар ин раванд муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нақши ҳалкунанда ва асосиро мебозанд. Дар барномаҳои таълимии муассисаҳои дар ин самт тадриси чунин фанҳо, аз ҷумла таърихи халқи тоҷик,

таърихи умумӣ, таърихи дин, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, маърифати оиладорӣ ва асосҳои иктисод бештар муассир мебошад.

Зарурати ба мақсад мувофиқи коркард, санҷиши озмоишӣ ва татбиқи технологияҳои самарабахши ташаккули тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи муҳити имрӯзаи рушди ҷамъият аст.

Вобаста ба фикрҳои фавқулзикр, ба сифати таҳқиқоти илмӣ интихоб намудани мавзӯи “Низоми муосири педагогии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, аз ҷониби Давлатзода Ҷамила хеле бамаврид ва мувофиқи мақсад мебошад.

Аз ин рӯ, ин рисоларо бо тозагии мавзӯи таҳқиқотии хеш метавон як кори арзишманди самти баррасии самарабахши ташаккули тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон унвон кард, ки то кунун ба ин масъала дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар таваҷҷӯҳ зоҳир гардидааст.

Арзишмандии таҳқиқотро аҳамияти хосаи иҷтимоӣ доштани ташаккули шахсияти соҳибфарҳанг ва аз ҷиҳати касбӣ омода будани омӯзгорон, ки барои истифодаи арзишҳои миллию фарҳангӣ дар ҷараёни фаъолияти педагогӣ ва асоснок намудани низоми нави ташаккули тарбияи шаҳрвандӣ - ватандӯстии хонандагон дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дақиқ менамояд.

Дар диссертатсия ба маврид қайд гаштааст, ки низоми тарбияи шаҳрвандӣ аз маҷмуи мақсаду вазифаҳое иборат мебошад, ки бо баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии азхудкунии ғояҳои сиёсии умумишаҳрвандӣ ва умумибашарӣ аз ҷониби кӯдакон; мазмун ва намудҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, дар чорабиниҳои беруназмактабӣ, меҳнатӣ ва васоити ахбори омма ташаккул мeёбад. Ба он ихтилофот ва механизмҳои ҳалли он, ки

самаранокии таъсиррасонии тарбиявиро таъмин менамоянд, инчунин меъёрҳои мушаххаси тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ хос мебошанд.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки дар таҳқиқот муаллиф қайд намудааст, ки мақсаду вазифаҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ дар раванди муттасили педагогӣ бо баҳисобгирии имконоти синнусолӣ ва хусусиятҳои кӯдакон ба амал бароварда шуда, ба маърифатӣ, тарбиявӣ ва такмилдиҳада чудо мешаванд.

Аз нуқтаи назари муаллифи диссертатсия ҳадафҳои омӯзишӣ инҳо мебошанд: аз ҷониби хонандагон муайян намудани арзишҳои шаҳрвандии универсалии сиёсӣ ва ватандӯстӣ ва самтҳои азнавсозии ҷомеа; дар хонандагон ташаккул додани малакаву маҳорати муколамаи шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ ва фарҳангӣ, маҳорати пешбурди мубоҳиса, санъати суханварӣ ва қобилиятҳои ташкилотчигӣ, тасаввуроти муайян ва мушаххас оид ба ғояи озодии сухан. Қобилиятҳои монологи муассир, эътимоднок ва асоснокро рушд дода, қобилияти дар назди аудитория баромад кардан, дар хонандагон низоми устувори фарҳанги анъанавии шаҳрвандӣ, малакаву маҳорати ҳифзи мавқеи худро ташаккул медиҳад; дар шароити демократия, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва озодандешӣ зиндагӣ намуданро меомӯзад.

Аз нуктаи назари мо муҳаққиқ дар таҳқиқоти худ дуруст қайд намудааст, ки маҳз дар ҳамин маврид дар хонандагон чунин ҳиссиёт, ба монанди шаҳрвандият, ватандӯстӣ, шуури ҳуқуқӣ, ва башардӯстӣ, сифатҳои волои ахлоқӣ ва сиёсӣ: ростқавлӣ, поктинатӣ дар муносибат бо одамон, нисбати моликияти ҷамъиятӣ, интизомнокӣ ва масъулиятшиносӣ, зиракии сиёсӣ, интиқодпазирӣ, қобилияти ҳалли масоил ва ғайра ташаккул меёбанд.

Дар кори диссертатсионии Давлатзода Ҷамила вазъи ҳозира ва тамоюлҳои инкишофи таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мавқеи саҳеҳ ва дақиқ кардани мафҳумҳои тарбияи шаҳрвандӣ - ватандӯстӣ", "тарбия ҳамчун воситаи асосии рушди шахсияти мактаббачагон", "ташаккули тафаккури шаҳрвандӣ –

ватандӯстӣ", "консепсия ва стратегияи тарбияи миллӣ" амсилаи (модели) ташаккули тарбияи шаҳрвандӣ - ватандӯстии хонандагон дар раванди тарбия коркард шудааст.

Бояд иброз намуд, ки дар марҳилаи муосир, дар асри ҷаҳонишавӣ, тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстиро бояд дар доираи низоми барои Ҷумҳурии Тоҷикистон нави педагогӣ, ки тарбияи шаҳрвандӣ номгузорӣ шудааст, амалӣ сохт. Он бо ёрии таҳсилоти шаҳрвандӣ амалӣ карда мешавад. Ин низом илова бар дигар унсурҳои таркибӣ, тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии насли наврасро низ дар бар мегирад. Ин нуктаи назар аз тарафи муаллифи рисола мутобиқ ба талаботи низоми муосири маорифи мамалакат баррасӣ гардидааст.

Мавриди зикр аст, ки диссертант оид ба муайян кардани ихтилофоти илмӣ кӯшиш ба харҷ дода, ба мақсади худ ноил шудааст ва дартаҳқиқот оид ба он чунин ақида зоҳир менамояд: дар шароити кунунӣ як қатор ихтилофот дар самти мазкур вуҷуд доранд, аз ҷумла, байни талаботи ҷомеаи муосир нисбати шуури шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон ва мавҷуд набудани низом ва шароитҳои муайян барои ташаккули ҳисси шаҳрвандӣ - ватандӯстии кӯдакон ва наврасон; байни талаботи замони муосир нисбати сифати ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ ва имконияти воқеии татбиқи консепсияи мазкур ва стратегияи таҳсилот; дар раванди таҳқиқоти технологияҳои инноватсионӣ, ки битавонанд ташаккули ҳисси шаҳрвандӣ ва ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳуриро таъмин намоянд, нокифоягии коркард ва истифодабарии онҳо; талаботи мактаби муосир ба таҳқиқоте, ки ба коркард ва татбиқи маҷмӯи чорабиниҳо дар самти ташаккули шахсиятҳои дорои маънавиёти воло ва дорои хусусиёт ва ҳисси баланди ватандӯстӣ нигаронида шудаанд ва коркарди нокифояи масоили дарҷ гардида.

Диссертатсияи мазкур, тавре, ки аз омӯзиш ва таҳлили он бармеояд аз муқаддима, чаҳор боб, понздаҳ васлҳо, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи умумӣ ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Муаллифи таҳқиқот дар муқаддима оид ба мубрамияти масъалаи мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, усули пажӯҳиш навовариҳои он, аҳамияти назариву амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натиҷаҳои корро мулоҳизаронӣ кардааст.

Боби якуми диссертатсия, ки "Тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ҳамчун муаммои педагогӣ" номгузорӣ шудааст, масъалаҳои таҳлили педагогии масоили таҳқиқшаванда, хусусиятҳои муҳимми тарбияи шаҳрвандӣ - ватандӯстиро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва хусусиёти маънавии шахсият баррасӣ карда шудаанд. Дар шароити муосири демократикунонии ҷомеа мафҳумҳои «шаҳрвандият», «ватандӯстӣ» ба сифати шиор аз ҷониби ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ мавриди истифода қарор гирифта, мувофиқан, ба тарзҳои гуногун шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Аниқ кардани муҳтаво ва муайянсозии вижагиҳои онҳо дар шароити нави иҷтимоӣ-таърихӣ муҳим арзёбӣ гардида, амалисозии тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии ҷавононро дар заминаи илмӣ имконпазир мегардонад.

Давлатзода Ҷ. дар кори таҳқиқотии хеш аз осори мутафаккирони пешқадами даврони гузашта Арасту, Суқрот, Ибни Сино истифода намуда, дар таҳқиқи масоили тарбияи насли наврас бошад, асарҳои пурғановати олимон–педагогони барҷастаи рус Л.Н.Толстой, К.Д.Ушинский ва як қатор асарҳои олимони ватаниро (М.Орифӣ, И.Обидов, М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода ва диг.) ҳамчун манбаи асосии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстӣ маҳсӯб донистааст.

Дар боби дуюми пажӯҳиш - "Заминаҳои назариявӣ ва асосҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" ном дошта, муаллифи рисола Давлятзода Ҷ. дар бахшҳои

алоҳидаи он  перомуни масоиле чун:  мақсаду вазифаҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити муосири тавсеаи мавқеи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва иқтидори таълимгирандагон;  талаботи муосири дидактикӣ нисбати тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон; шакл ва усулҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон ҳамчун ҷузъи фарҳангии ташаккули шахсияти насли наврас; ташаккул ва рушди шуури шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон дар раванди корҳои беруназсинфиро ба риштаи таҳлил кашидааст.

Давлатзода Ҷамила дар таҳқиқоти мазкур иброз намудааст, ки тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстиро тавассути тадриси фанҳои ҷамъиятшиносӣ метавон дар се сатҳ ба роҳ монд: қисми назариявӣ бо фармоиши иҷтимоии ҷомеа, талаботи фарди алоҳида муайян карда мешавад; он мафҳумҳо ва ғояҳои асосиро дар бар мегирад (фанҳои ҷамъиятӣ); мундариҷа ва муҳтавои он аз васоити таълимӣ иборат аст, ки ба барнома ва дастурҳо оид ба татбиқи амалии мундариҷаи курси таҳияшуда асос ёфтааст; барои шаҳрванди асил шудан аз худ кардани фарҳанги ҳуқуқӣ ва доштани эҳсоси волои ватандӯстӣ муҳим мебошад.

Боби сеюми рисола - “Стандартҳои давлатии таҳсилот ва шароити педагогии татбиқи тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон” ном дошта, ташаккули шахсияти насли наврас яке аз масъалаҳои асосӣ ва муҳимтарини таҳқиқи боби мазкур ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқ дар ин боб қайд менамояд, ки таълими фанни “Инсон ва ҷомеа” дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҷойи се фанни пештар омӯхташаванда – “Ҷамъиятшиносӣ”, “Асосҳои давлатӣ”, “Этика ва психологияи ҳаёти оилавӣ” ҷорӣ карда шуд.

Дар маркази таълими фанни “Инсон ва ҷомеа” инсон ва шахсияти ӯ қарор дорад. «Инсон ҳамчун унсури фаъоли ҷомеа дар ҳаёти худ дар оила, коллективҳои меҳнатӣ, ҷомеа, дастгоҳи давлатӣ, мақомоти ҳифзи

ҳуқуқи инсон, дар байни хешу табор ва дӯстон, гурӯҳҳои этникӣ ва ғайра дорои робитаҳои сершумор ва шаклу намудҳои гуногуни фаъолият мебошад. Илова бар ин, ӯ бо васоити ахбори омма, илм, адабиёт ва санъат, дин иртибот дорад. Дар интиҳо, инсон бо одамон, мақомоти давлатӣ, ашё ва дигар зуҳурот, донишу малакаҳо, ки онҳо воқеан шахсияти хонандаро ташкил медиҳанд, сарукор дорад

Дар робита бо гуфтаҳои боло диссертант рисола дар ин боб қайд менамояд, ки муносибати интерактивӣ нисбати мазмуни таҳсилот ва таълими фанҳои таълимии риштаи таърих, ки ба тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон нигаронида шудаанд, бо он асоснок карда шудааст, ки аввалан, чунин фанҳои таълимӣ, ба монанди "Давлат ва ҳуқуқ" ва "Ҳуқуқҳои инсон", фанҳои таълимие мебошанд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити ташаккул ва рушди давлатӣ демократӣ тадрис дода мешаванд, дар таҳқиқи диссертатсияи мазкур дуруст қайд гаштааст. Дар таҳқиқоти мазкур дар асоси таҳлили нақшаҳои таълимӣ диссертант чунин ақидаро изҳор менамояд, ки ҳангоми омӯзиши фанҳои мазкур хонандагон дар бораи мақоми ҳуқуқии инсон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон маълумот мегиранд; дуюм, онҳо бо давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ робитаи ногусастанӣ доранд; сеюм, муҳтавои фанҳои мазкур ташаккули мавқеи фаъоли шаҳрвандиро тақозо менамояд, зеро дар ояндаи начандон дур, дар шароити воқеии ҳаётӣ аз онҳо фаъолнокӣ ва мустақилият талаб карда мешавад; чорум, ин силсилаи фанҳо ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нигаронида шудаанд; панҷум, технология ва методикаи таълими интерактивӣ мақсаду вазифаҳои тарбияи шаҳрвандии насли наврасро амалӣ менамоянд; шашум, фанҳои мазкур хонандагонро ба фаъолият дар ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар он самтгириҳои иҷтимоии шаҳрвандон зарур арзёбӣ мегарданд, омода менамоянд.

Боби чаҳоруми рисолаи Давлатзода Ҷ. "Механизмҳо ва технологияи тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ (тавсифи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ)" ном

гирифта, дар он самаранокии амсилаи технологияи педагогии тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо такя ба хусусиятҳои сохтории унсурҳои педагогӣ ва таълимӣ-тарбиявӣ таҳқиқ гаштааст.

Технологияи аз ҷониби муаллифи рисола илман асосноккардашуда ва аз ҷиҳати методӣ санҷидашудаи тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун қисмати комили раванди педагогӣ дар синфҳои миёна баҳогузорӣ мешавад, ки иҷрои пайдарапай ва ташхисшавандаи масоилро, ки ба натиҷаи ниҳоӣ нигаронида шудааст, имконпазир мегардонад. Ин ташаккули шахсиятеро дар назар дорад, ки бомуваффақият дар давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолият менамояд ва дорои вижагиҳои ба худ хос мебошад.

Ҷолиби қайд аст, ки дар асоси маводи эмпирикӣ ва назариявии кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Фархори вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф ҷузъҳои асосии мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон, аз ҷумла худогоҳии шаҳрвандӣ, ҳисси ватандӯстӣ, фаъолнокии иҷтимоӣ ва сифатҳои шаҳрвандӣ муайян карда шудаанд.

Бояд таъкид кард, ки мақсади тарбия на танҳо мувофиқсозии шахсияти хонанда ба талаботи ҷамъиятӣ, балки, инчунин ташаккули мавқеи маънавии ӯ мебошад. Аз ин нуктаи назар, ба фикри мо, муҳаққиқ дуруст қайд менамояд, ки метавон оиди зарурати фароҳамории чунин шароитҳои иҷтимоӣ ва маърифатии раванди таълим, ки татбиқи онҳо метавонад раванди аз ҷиҳати иҷтимоӣ бароҳмондашудаи арзишҳои умумибашариро таъмин намояд, хулоса баровард. Ба чунин шароитҳои иҷтимоӣ-педагогӣ ба андешаи муаллифи рисола ангезаи табиии хонандагон, руҳияи мусбии онҳоро муҳим гардонида, ба ташаккули мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ ва ватандӯстии хонандагон мусоидат менамояд.

Дар таҳкик ва натиҷабардории мазмун ва моҳияти диссертатсияи мазкур баъзе нуктаҳоеро қайд кардан мумкин аст, ки ислоҳи онҳо боиси баланд бардоштани самаранокӣ ва эътимоднокии он мегардад.

1. Дар кори диссертатсионӣ оид ба сифатҳои касбии омӯзгорони фанҳои дигари таълимии тамоюли ватандӯстидошта маълумот ҷой дода мешуд, муҳтавои кори илмиро дар сатҳи баланд муаррифӣ менамуд.
2. Хуб мебуд, ки муаллифи рисола ҳангоми истифода аз матолиби сарчашмаҳо, масалан "Особенности формирования самосознания старшеклассников" –и П.Б.Дониярова аз матни аслии онҳо, на тарҷумаҳои русии ин осор истифода менамуд.
3. Усули навишти номи муаллифони осор ва танзими феҳристи адабиёти рисола таҷдиди назар меҳоҳад. Риояи талаботи таҳияи феҳристҳо барои такмили ҷанбаҳои илмии рисола мусоидат хоҳад намуд.

Ин нуктаҳо танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назарӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро кам намесозанд.

Ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки аз ҷониби диссертант озмоишу санҷиши самаранокии шароити педагогии тарбияи шаҳрвандӣ - ватандӯстии хонандагон амалӣ гардидааст.

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои диссертант мантиқан аз муҳтавои умумии рисола бармеояд. Автореферат мундариҷаи умумии диссертатсияро инъикос мекунад. Мундариҷа ва мӯҳтавои рисола ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқ аст.

Натиҷаҳое, ки дар рафти таҳқиқ ба даст омаданд, дар 52 интишороти муаллиф, аз он ҷумла, 40-тои онҳо дар нашрияҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми ФР тавсияшуда интишор шудаанд, инъикос ёфтаанд.

Диссертатсияи Давлатзода Ҷамила дар мавзӯи "Низоми муосири педагогии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон", тадқиқоти илмӣ-

тахассусии анҷомёфта хисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ба талаботи бандҳои 31-37 Низомномаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”- и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он, ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) шоиста аст.

**Муқарризи расмӣ**:
доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи
педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Абдураҳимзода Қудратулло Саид
08.09.2022с.

**Маълумот барои тамос:** 735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Тел.+(992)3233-25481. Моб.918274643. E-mail: abdusamad06@mail.ru

*Имзои профессор Абдураҳимзода Қудратулло Саидро тасдиқ менамоям.*

*Сардори РК ва КМ-и ДДБ ба номи*
*Носири Хусрав* *Шукурзод Ҷ.А.*

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ" ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС